# ВАРАҚАИ ХАБАРӢ

11 октябри с. 2012

## Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо мутахассисонро барои муҳокимаи имкониятҳои Сохтори мубодилаи маълумоти экологӣ дар Осиёи Марказӣ гирд меорад

**ДУШАНБЕ** – *Лоиҳа ба номи «Маъракаи мақсадноки боло бардоштани сатҳи огоҳии аҳоли барои беҳтар намудани ҳамкорӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ» (AWARE) аз тарафи ИА маблағгузорӣ карда шуда, семинари миллӣ ба мавзӯи «баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа дар хусуси Сохтори мубодилаи маълумоти экологӣ» дар Душанбе 11 октябри соли 2012 мегузаронад.  Мутахассисони вазорату идора ӯҳдадор барои ҷамъоварӣ ва паҳнкунии маълумоти экологӣ, намояндагони ташкилотҳои байналмилаливу ғайридавлатӣ, ва инчунин мутахассисон аз давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ дар семинари мазкур бо мақсади муҳокимаи имкониятҳои татбиқ намудани Сохтори мубодилаи маълумоти экологӣ (СММЭ) дар Осиёи Марказӣ иштирок менамоянд.

Лоиҳаи AWARE презентацияи махсусро оиди мақсад ва вазифаҳои лоиҳа дар Осиёи Марказӣ ва нақшаи иҷрокунии ӯ дар Тоҷикистон таҳия намуд.  Иштирокчиён амалияи барпошуда барои мусоидати Сохтори мубодилаи маълумоти экологӣ дар минтақаи умумиаврупоӣ, ва инчунин имкониятҳои татбиқаш дар Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор медиҳанд. Семинар ба намояндагони Узбекистон, Қирғизстон, Қазоқистон ва Тоҷикистон барои баён кардани таҷрибаи худро дар соҳаи ҷамъоварӣ ва паҳнкунии маълумоти экологӣ имконият хоҳад дод.

Намояндагони воситаҳои ахбори умум ба иштирок дар Семинар даъват карда мешаванд.  Семинар дар Маҷлисгоҳи меҳмонхонаи «Азия Гранд Хотэл» дар кӯчаи Турсунзода 21, шаҳри Душанбе, ошёнаи 5 ҷойгиршуда аз соати 10:00 то соати 17:00 баргузор мегардад.

Лоиҳаи баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳоли барои ду сол (2012 – 2014) ба нақша гирифта шуда дар панҷ давлати Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Қирғизстон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Узбекистон амалӣ карда мешавад.  Лоиҳа бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои боло бардоштани сатҳи огоҳӣ дар хусуси обҳои истеъмолшуда ва аз нав истифодашуда, ки камбудиҳоро дар идоракунии захираҳои обӣ мавриди мулоҳиза қарор медиҳанд, татбиқ карда мешавад. Лоиҳа ҳамчун бо мақсади фароҳам сохтани имконияти ҳамкории ИА – ОМ оид ба масалаҳои идоракунии фаъолияти ҳифзи муҳити зист тариқи мусоидати амалияи барпошуда монанди Сохтори мубодилаи маълумоти экологӣ, ва инчунин бо мақсади фаъолкунонии иштироки соҳаи хусусӣ дар масоили истеъмолкунӣ ва истеҳсолоти устувори маҳсулоти озуқаворӣ ва босамарии истеъмолкунии нерӯ ҳамчун даромадгоҳ ба мушорикати давлатию хусусӣ татбиқ карда мешавад.

A project implemented
By The Regional
Environmental Centre for
Central Asia

Address: 40, Orbita-1,
050043, Almaty, Republic of
Kazakhstan
Tel: 007-7272-785110
Fax: 007-7272-705337

This project is funded
by the European Union

Delegation of
The European Union
In the Republic of Kazakhstan
Tel: 007-7172-971622
Fax: 007-7172-979563

“The European Union is made up of 27 Member States who have decided to gradually link together their know-how, resources and destinies. Together, during a period of enlargement of 50 years, they have built a zone of stability, democracy and sustainable development whilst maintaining cultural diversity, tolerance and individual freedoms. The European Union is committed to sharing its achievements and its values with countries and peoples beyond its borders”.

Барои маълумоти бештар ба сомонаи www.caresd.net, қисми «Маъракаҳои хабарӣ», ё ба саҳфаи http://www.facebook.com/PovysenieOsvedomlennostiPoEkologiceskimVoprosamVCa дар Фейсбук муроҷиат намоед.

*Агар савол ё дархост оиди семинари СММЭ ба миён меояд, лутфан бо Малика Бобоҷонова, Сардори шӯъбаи офиси CAREC дар Тоҷикистон тавассути рақами телефонии (+992 372) 218 705 ё нишонаи электронии: babadjanmalik@yahoo.com, ё Умед Улугов, Мутахассиси лоиҳа оиди масоили иттилоот ва иртибот бо аҳли ҷомеа тавассути рақами телефонии (+992 378), ё нишонаи электронии:* carnet_tj@mail.ru *муроҷиат намоед, ва ё бо корманди Намояндагии ИА дар Тоҷикистон тавассути нишонаи электронии:* Delegation-Tajikistan@eeas.europa.eu *тамос гиред.*